**ҚАРОРҲОИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ГРАЖДАНӢ ВА ОИЛАВӢ**

# ҚАРОРИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН №8

**аз 29 майи соли 2003** **шаҳри Душанбе**

## Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ

***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 19 марти соли 2009, №1 ва 23 ноябри соли 2012, №22 ворид карда шудаанд)***

Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ нишон дод, ки судҳо чунин категорияҳои парвандаҳоро асосан бо риоя намудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва моддӣ дуруст ҳаллу фасл менамоянд. Қабули ҳалномаҳои қонунӣ ва асосноки судӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ, дар ҳолати пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ, вафот кардани шахси парастор, ҳимояи ҳуқуқҳои моликият, ҳуқуқи мерос, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандае, ки аз муносибатҳои никоҳӣ – оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳо ба вуҷуд меоянд, мусоидат менамояд.

Ҳамзамон ҷамбасти таҷрибаи судӣ нишон дод, ки дар як қатор ҳолатҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои мазкур дар татбиқи қонун ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Судяҳо дар мавриди қабули аризаҳо оид ба муқаррар кардани фактҳо на ҳама вақт санҷида мебароянд, ки оё ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқукӣ дорад, бо кадом мақсад онро муқаррар кардан лозим аст, оё имконияти ба тариқи ғайрисудӣ гирифтан ё барқарор кардани ҳуҷҷати гумшудаи ҳуқуқмуайянкунада истисно шудааст. Баъзе судяҳо дар талаб намудани далелҳое, ки барои қабул кардани ҳалномаи дуруст зарурранд, ташаббуси лозима нишон намедиҳанд. Ҳолатҳои оид ба муқаррар кардани фактҳо баъзан ба таври кофӣ пурра ва ҳамаҷониба муайян карда намешаванд.

Бо мақсади дуруст ва якхела татбиқ намудани қонунгузории марбут ба парвандаҳои категорияҳои зикргардида дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ҳангоми баррасии парвандаҳои доир ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, диққати судҳо ба зарурияти дуруст риоя намудани қонунгузорӣ ҷалб карда шавад. Ҳуқуқҳою манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон, ташкилотҳо ва муассисаҳоро ҳамаҷониба муҳофизат намуда, ҳамзамон судҳо бояд кӯшишҳои шахси алоҳидаро, ки мехоҳанд ба тариқи судӣ муқаррар намудани ҳолатҳоро бо мақсади минбаъд ғайриқонунӣ гирифтани имтиёзҳою дигар фоидаҳои моддӣ истифода баранд, пешгирӣ намоянд.

2. Мутобиқи моддаҳои 269-273 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳо метавонанд аризаҳои доир ба муқаррар кардани ҳолатҳоро қабул намуда, онҳоро ба тариқи мурофиаи махсус баррасӣ намоянд, агар:

а) мувофиқи қонун чунин ҳолатҳо оқибати ҳуқуқӣ тавлид намоянд (пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани ҳуқуқҳои шахсӣ ё ин ки моддии шаҳрвандон ё ташкилотҳо);

б) муқаррар кардани ҳолат бо ҳаллу фасли минбаъдаи баҳс оиди ҳуқуқе, ки ба тобеъияти суд тааллуқ дорад, вобаста набошад;

в) аризадиҳанда имконияти дигарро барои гирифтан ё барқарор намудани ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиққунандаи ҳолате, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дорад, надошта бошад;

г) бо қонунгузории амалкунанда тартиби дигари (ғайрисудии) муқаррар намудани онҳо пешбинӣ нашуда бошад.

Диқати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки феҳристи дар моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷёфта мукаммал намебошад. Судяҳо ҳуқуқ доранд дигар ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ доштаро низ, аз қабили эътироф намудани падарӣ, нисбати фарзандон, ҳолати падарӣ, ба қайд гирифтани падарӣ, муқаррар намоянд.

Аммо бояд дар назар дошт, ки аз ҷумла аризаҳои оид ба муқаррар кардани: собиқаи корӣ (барои таъин намудани нафақапулӣ, кумакпулӣ барои муваққатан гум кардани қобилияти корӣ, фоизҳои иловапулӣ ба маош, пардохти яккаратаи мукофотпулӣ барои хизмати дарозмуддат ва ғ.); сабаб ва дараҷаи гум кардани қобилияти меҳнатӣ, гурӯҳи маъюбӣ ва санаи ба вуҷуд омадани он; гузаштани хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар ҷанг будан; дар муҳорибаҳо ҳангоми ҳифзи Ватан ё ҳангоми иҷрои дигар ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ захм, контузия гирфтан; эътироф намудани маъюбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ; синну соли шаҳрвандон; хатм намудани муассисаҳои таълимӣ, ба тариқӣ судӣ баррасӣ карда намешаванд.

3.Ҳолати муносибатҳои хешовандии шахсон (банди 1 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар ҳолате ба тариқи судӣ муқаррар карда мешаванд, ки он оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд оварад, масалан, агар ба аризадиҳанда тасдиқи чунин ҳолат-барои аз мақомотҳое, ки ҳаракатҳои нотариалиро амалӣ мегардонанд, гирифтани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос, барои ба расмият даровардани ҳуқуқ ба нафақа бинобар гум кардани парастор, зарур бошад. Ҳамзамон, барои ба тариқи мурофиаи махсус баррасӣ намудани ариза оид ба муқаррар кардани ҳолати муносибатҳои хешу таборӣ қабул карда намешавад, агар аризадиҳанда мақсади тасдиқи ҳуқуқи минъбаъда ба манзили истиқоматӣ ё барои мубодилаи манзили истиқоматиро дар асоси моддаи 87 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад. Дар ҳолате ки, агар эътироф намудани ҳуқуқ ба манзили истиқоматӣ ё мубодилаи манзили истиқоматӣ рад карда шуда бошад, шахси манфиатдор метавонад ба суд бо даъвои муносиб муроҷиат намояд.

4.Судҳо бояд ба назар гиранд, ки, агар кӯмаки расонида мешудагӣ барои аризадиҳанда манбаи доимию асосии зиндагии ӯ бошад муқаррар кардани ҳолатҳои дар таҳти саробонӣ қарор доштани шахс барои гирифтани мерос, таъин намудани нафақа ё пардохти зарар (банди 2 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон) аҳамият дорад. Дар ҳолате ки аризадиҳанда даромад дошт, нафақапулӣ, стипендия ва ғайра мегирифт, муайян намудан зарур аст, ки кӯмаки аз ҷониби шахси таъминкунанда расонида мешудагӣ манбаи доимӣ ва асосии воситаи зисти аризадиҳанда буд ё не?

Аз ҷониби мақомоти дахлдор (аз он ҷумла, ташкилотҳои манзилӣ-таъмирӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) додани санад дар бораи он, ки аз рӯи маълумотҳои мавҷуда шахси мазкур дар таъминоти вафотёфта набуд, имконияти ба тариқи судӣ ҳолати таҳти саробонӣ қарор доштани шахсро истисно намекунад.

Ҳангоми ҳолати таҳти саробонӣ қарор доштани шахс ҷиҳати таъмин намудани нафақа, бояд ба назар гирифт, ки ҳуқуқи ба нафақаро бинобар гум кардани парастор, аъзоёни қобили меҳнат набудаи оилаи вафотёфта, ки таҳти саробонии ӯ қарор доштанд, доранд.

Барои муқаррар кардани ҳолати таҳти саробонӣ қарор доштани шахси дигар бо мақсади ба расмият даровардани ҳуқуқ ба мерос, бояд шахси таҳти саробонӣ қарордошта то рӯзи вафоти меросдиҳанда қобили меҳнат набошад ва на камтар аз як сол то рӯзи вафоти меросдиҳанда таҳти саробонии ӯ қарор дошта бошад.

Ҳангоми муқаррар кардани ҳолати ҳолати таҳти саробонии дигар шахс қарор доштан барои пардохти зарар бинобар гум кардани саробон, судҳо бояд ба назар гиранд, ки мутобиқи қонун, ҳуқуқ барои пардохти зарар на бо мавҷудияти муносибатҳои хешу таборӣ байни шахси таҳти саробонӣ қарордошта ва саробон, на бо мӯҳлати таҳти саробонӣ қарор доштани будани вай алоқамандӣ надорад.

5.Мутобиқи банди 3 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳо ҳуқуқ доранд ҳолати бақайдгирии давлатии таваллуд, фарзандхондӣ, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, вафотро дар ҳолате муқаррар намоянд, ки агар дар шӯъбаҳои бақайдгирии асноди ҳолати граждании қайдҳои дахлдор мавҷуд набошанд ва барқарор кардани чунин қайдҳоро мақомоти мазкур рад карда бошанд, ё худ онро танҳо бо ҳалномаи суд дар бораи муқаррар кардани ҳолати бақайдгирии асноди граждании барқарор кардан мумкин бошад.

Бо аризаи доир ба муқаррар кардани ҳолати бақайдгирии давлатии ақди никоҳ ҳам зан ва ҳам шавҳар метавонад ба суд мурочиат намоянд. Агар дар ин бобат ариза аз ҷониби яке аз онҳо ба суд пешниҳод шуда бошад, он гоҳ ҳамсари дигар барои иштирок намудан дар кор ҳамчун шахси манфиатдор ҷалб карда мешавад.

Ҳангоми барқарор намудани шаҳодатномаи гумшуда дар бораи таваллуд муқаррар кардани синну сол дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолатҳое, ки агар дар ҳуҷҷатҳои ба мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати гражданӣ бо мақсади барқарор намудани қайди гумшуда дар бораи таваллуд пешниҳодкардаи аризадиҳанда ва дар маводҳои санҷишӣ маълумот оиди синну соли шахсе, ки нисбаташ қайди аснод дар бораи таваллуд барқарор карда мешавад, мавҷуд набошад ё ин ки дар ин бобат маълумотҳои мухолиф ҷой дошта бошанд, он гоҳ муқаррар кардани синну солро комиссияи аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсисёфта амалӣ мегардонад.

6.Тибқи талаботи банди 4 қисми 2-и моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати муқаррар кардани падарӣ дар асоси моддаи 51 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати фавти шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф мекард, вале бо модари кӯдак ақди никоҳ надошт муқаррар карда мешавад.

Ҳолати мазкур аз тарафи суд дар он мавриди муқаррар карда мешавад, ки кӯдак то вафоти шахс дар таъминоти ӯ буд, ё қаблан ин шахс падарии худро эътироф мекард. Ҳамзамон, кӯдаке, ки баъди вафоти шахс таваллуд шудааст ва дар давраи ҳомиладории модар худро падари кӯдаки оянда эътироф мекард, муқаррар карда мешавад.

7. Судҳо бояд ба иртиботи парвандаҳои оид ба ҳолати марбутияти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуқарраркунанда ба шахсе, ки ном, номи падар ё насаби дар ҳуҷҷат нишондодашудааш бо ном, номи падар ё насаби ин шахс дар шиноснома ё шаҳодатнома дар бораи таваллудаш мувофиқат накунад (банди 5 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз аризадиҳанда талаб намоянд, ки далелҳоро оиди ба ӯ тааллуқ доштани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ва оиди он, ки ташкилоте, ки ин ҳуҷҷатро додааст, имконияти ба он ислоҳоти лозима ворид карданро надорад, пешниҳод намояд.

Аризаҳои оид ба ҳолати марбутияти ҳуҷҷатҳои ҳарбӣ, шиноснома ва ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешаванд аз ҷониби суд баррасӣ карда намешаванд. Ҳамчунин суд ҳуқуқ надорад аризаҳои доир ба муқаррар кардани тааллуқ доштани шаҳодатнома ба орден ё медали шаҳрвандро, ки ном, номи падар ё насабаш бо қайдҳои дар шаҳодатнома буда мувофиқат намекунанд, баррасӣ намояд, чунки ин масъалаҳо аз ҷониби мақомоте, ки шаҳодатномаи мазкурро додааст, ҳаллу фасл мегарданд. Ҳамзамон судҳо ҳуқуқ доранд парвандаҳои марбут ба муқаррар кардани ҳолати ба шаҳрванд тааллуқ доштани санадҳо дар бораи захмбардорияш, бо сабаби захм бардоштан дар бемористон будан, инчунин огоҳиномаҳои қисмҳои низомӣ, комисариатҳои ҳарбӣ ва дигар идораи низомиро вобаста ба ҳолатҳои давраи ҷанг, фавтидан ё бедарак ғайб задани шаҳрвандон, баррасӣ намоянд, зеро чунин ҳуҷҷатҳо ба ҳуҷҷатҳое, ки шахсиятро муайян менамоянд таллуқ надоранд.

8. Ҳангоми татбиқ намудани банди 6 қисми 2-и моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон (муқаррар намудани ҳолати соҳибӣ ва истифодаи молу мулки ғайриманқул) судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёри номбурда ба ҳолати ҳуқуқии дар боло зикргардида татбиқ карда мешавад, на ин ки ба ҳолати бо ҳуқуқи моликиятдорӣ тасарруфкунии иморат, ки дар КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1963) муқаррар гардида буд. Аммо ин имконияти муқаррар кардани ҳолати соҳибӣ ва истифодаи молу мулки ғайриманқулро ба ҳуқуқи моликият истисно намекунад.

Ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд, ки ҳолати соҳибӣ ва истифодабарии моликиятро муқаррар кардааст, асос барои бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ба ҳисоб рафта, ҳуқуқи моликиятро ба вуҷуд меорад.

Ҳолати дорои аҳамияти ҳуқуқии мазкур мазмунан васеъ мебошад, зеро соҳибӣ ва истифодабарӣ мумкин аст, на танҳо бо ҳуқуқи молу мулкӣ, балки бо дигар ҳуқуқҳо низ амалӣ мегардад.

9.Ҳангоми баррасии парвандаҳои оид ба муқаррар кардани ҳолати ҳодисаҳои нохуш (банди 7 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд дар назар дошт, ки мутобиқи Дастуруламали амалкунанда оиди тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, назорат аз болои дуруст ва саривақт тафтиш намудани ҳолатҳои нохуш аз ҷониби кумитаҳои иттифоқи касаба ва нозироти техникии меҳнат амалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, раддия оиди тартиб додани санад дар бораи ҳодисаи нохуш ё додани ҳуҷҷати дигари расмӣ бо он асосҳое, ки чунин ҳолат тасдиқ нагардидааст, ба тобеияти судӣ тааллуқ надошта, аз болои он ба мақомотҳои иттифоқи касаба шикоят оварда мешавад.

Суд ҳуқуқ дорад ҳолати ҳодисаҳои нохушро танҳо дар ҳолате муқаррар намояд, ки агар муқаррар кардани он ба тариқи ғайрисудӣ имконнопазир бошад ва ин ҳолат бояд бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ карда шавад. Ариза оид ба муқаррар кардани ҳолати ҳодисаҳои нохуш дар ҳолатҳои зерин ба ба баррасии судӣ қабул карда мешавад: вақте ки санад дар бораи ҳодисаи нохуш тамоман тартиб дода нашуда бошад ва тартиб додани он дар айни ҳол имконнопазир бошад; санад тартиб дода шуда, лекин баъдан гум карда шуда ва барқарор кардани он ба тариқи ғайрисудӣ имконнопазир бошад; ҳангоми тартиб додани санад ба хатогие, ки барои эътирофи ҳолати ҳодисаҳои нохуш мамоният мекунад, роҳ дода шуда бошаду ислоҳ намудани ин хатогӣ ба тариқи ғайрисудӣ имконнопазир бошад.

10. Аризаи оид ба муқаррар ҳолати вафот дар вақти муайян ва дар вазъияти муайян (банди 8 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба истеҳсолоти судӣ қабул карда шуда, бо пешниҳод намудани ҳуҷҷат аз ҷониби аризадиҳанда дар бораи раддияи мақомоти бақайдгирии аснодҳои ҳолатҳои гражданӣ оиди қайд кардани ҳодисаи вафот, баррасӣ мегардад. Аризадиҳанда вазифадор аст, аризаи худро оиди муқаррар кардани ҳолати мазкур бо истифода аз далелҳое, ки аз вафоти шахс дар вақти муайян ва ҳолатҳои муайян аниқ шаҳодат медиҳанд, асоснок намояд.

11. Аризаи оид ба ҳолати қабули мерос ва маҳалли кушодани мерос (банди 9 қисми 2 моддаи 269 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз ҷониби суд ба тариқи мурофиаи махсус дар ҳолате баррасӣ карда мешавад, ки агар мақомоте, ки ҳаракатҳои нотариалиро амалӣ мегардонад, ҳуқуқи ба аризадиҳанда додани шаҳодатнома оиди ҳуқуқ ба меросро аз сабаби мавҷуд набудан ё нокифоя будани ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки барои ба тариқи нотариалӣ тасдиқ намудани холати ба ихтиёрдории моликияти меросӣ даромадан лозим мебошанд, надошта бошад. Агар ҳуҷҷатҳои лозимӣ пешниҳод шуда бошанду лекин додани шаҳодатнома оиди ҳуқуқ ба мерос рад карда шуда бошад, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад, ба суд на бо ариза оиди муқаррар кардани холати қабули мерос ва маҳалли кушода шудани мерос, балки бо шикоят аз болои раддияи амалӣ намудани ҳаракатҳои нотариалӣ, муроҷиат намояд (моддаи 315 КМГ Ҷумҳурии Точикистон).

Ҳангоми баровардани ҳалномаи оид ба муқаррар кардани холати қабули мерос ва маҳалли кушода шудани мерос бояд дастурҳои дар моддаҳои 1143, 1174 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 2005) дарҷёфта ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Меросхӯр он гоҳ меросқабулкунанда эътироф карда мешавад, ки агар ӯ воқеан ба ихтиёрдории моликияти меросӣ шурӯъ намуда бошад ё дар мӯҳлати муқарраршуда оиди қабули мерос ба мақомоте, ки ҳаракатҳои нотариалӣро амалӣ мегардонад, ариза пешниҳод намуда бошад. Маҳалли кушода шудани мерос ҷои зисти охирони меросдиҳанда ҳисобида мешавад ва агар он муайян набошад - ҷои мавҷуд будани моликият ё қисми асосии он.

12. Ҳангоми қабули аризаи оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, судя вазифадор аст санҷида барояд, ки оё муқаррар кардани чунин ҳолат ба тобеияти суд тааллуқ дорад, ё худ оё аризадиҳанда ҳуқуқ дорад, ки ба суд бо чунин ариза муроҷиат кунад, ӯ бояд аниқ созад, ки ба кадом мақсад муқаррар кардани холати мазкур лозим аст, аз аризадиҳанда далелҳои хаттиеро, ки имконнопазирии гирифтан ё барқарор кардани ҳуҷҷатро тасдиқ менамоянд, инчунин

далелҳои тасдиққунандаи холати мазкурро, бояд талаб намояд.

13.Парвандаҳои оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, аз рӯи аризаҳои шахсони дар ин кор бевосита манфиатдор ва ҳамчунин дигар шаҳрвандон ва ташкилотҳо оғоз карда мешаванд, дар ҳолате ки аз рӯи қонун онҳо ҳуқуқ доранд барои ҳифзи манфиатҳои шахсони дигар ба суд муроҷиат намоянд. Масалан, бо аризаи оид ба муқаррар кардани холати эътироф намудани падарӣ ё холати падарӣ ба суд метавонад натанҳо модари кӯдак ва худи кӯдак ҳангоми ба балоғат расидан, балки ҳам шахси васӣ (парастор) ва инчунин дигар шахсон, ки бо қонунгузорӣ ба онҳо ҳуқуқи ба суд бо чунин аризаҳо муроҷиат кардан дода шудааст, муроҷиат намоянд. Прокурор ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон бо ариза оиди муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқидошта муроҷиат намояд, агар шаҳрванд вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок натавонад худаш ба суд муроҷиат кунад.

Агар ба суд аз ҷониби аризадиҳанда аризаҳои оид ба муқаррар кардани якчанд ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, пешниҳод карда шуда бошад, он гоҳ ҳамаи ин аризаҳоро мутобиқи моддаи 154 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як мурофиа якҷоя карда баррасӣ кардан мумкин аст. Талаботҳои дигари аризадиҳандаро дар ҳамин мурофиа баррасӣ кардан номумкин аст.

14.Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ судя аризадиҳандаро оид ба моҳияти ариза пурсида, агар зарур бошад, ба он пешниҳод мекунад, ки далелҳои иловагиро ба суд супорад, инчунин масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани шахсони манфиатдорро ҳал менамояд.

Агар мутобиқи қонун аризаи оид ба муқаррар намудани ҳолатро дар суд баррасӣ кардан номумкин бошад, судя бо таъиноти асосноки худ қабули онро рад мекунад, лекин агар парванда аллакай оғоз гардида бошад, он гоҳ истеҳсолоти он бо таъиноти судӣ қатъ карда мешавад (банди 1 қисми 1-и моддаи 137 КМГ ва банди 1 қисми 1-и моддаи 225 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

15.Парвандаҳои оид ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, бояд аз ҷониби суд мутобиқи моддаҳои 269-273 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки аризадиҳанда ва шаҳрвандони дар ҳаллу фасли кор манфиатдорбуда, ташкилотҳои дахлдор (мақомотҳои таъминоти иҷтимоӣ, молия, комиссариатҳои ҳарбӣ ва ғайра) баррасӣ карда шаванд.

Шахсони манфиатдори ба кор ҷалбшуда ҳуқуқ доранд, ки барои тасдиққунии асоснокӣ ё беасосии аризаҳои оид ба муқаррар кардани ҳолате, ки аз ҷониби суд баррасӣ мегардад, далелҳо пешниҳод намоянд, дар таҳқиқи ҳолатҳои кор иштирок намоянд, аз болои ҳалномаи баровардашуда шикоят кунанд ва дигар ҳаракатҳои мурофиавиеро, ки дар моддаи 37 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудаанд, амалӣ гардонанд.

16.Агар ҳангоми баррасии парвандаи оид ба муқаррар кардани ҳолати, аз ҷониби шаҳрвандони манфиатдор ё ташкилотҳо баҳсе оиди ҳуқуқе, ки ба тобеъияти судӣ тааллуқ дорад, пайдо шавад ё ин ки худи суд ба хулоса ояд, ки дар парвандаи мазкур муқаррар кардани ҳолати барои ба тариқи судӣ баррасӣ намудани баҳс оиди ҳуқуқ вобастагӣ дорад, он гоҳ аризаи пешниҳодшуда бе муҳокима мононда мешавад. Дар ин ҳолат ба аризадиҳанда ва дигар шахсони манфиатдор фаҳмонда мешавад, ки онҳо ҳуқуқ доранд ба суд ба тариқи умумӣ муроҷиат намоянд (қисми 3 моддаи 268 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

17. Ҳалномаи оид ба парвандаи доир ба муқаррар кардани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта баровардашуда бояд ба ҳамаи талаботҳои дар моддаи 202 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷавобгӯ бошад. Дар ҳалнома бояд далелҳои тасдиққунандаи хулоса оиди ҳолатҳои барои ҳалли кор аҳамиятдошта оварда шуда бошанд ва дар ҳолати қонеъ кунонидани ариза–ҳолати муқарраршуда бояд аниқ баён карда шуда бошад.

Мутобиқи моддаи 15 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд оид ба муқаррар кардани ҳолате, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дорад, барои мақомотҳои бақайдгирии чунин ҳолатҳо ё барасмиятдарории ҳуқуқҳое, ки дар натиҷаи ин ҳолати муқарраргардида ба амал меоянд, ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми ба тариқи судӣ муқаррар намудани ҳолати бақайдгирии асноди ҳолати граждании мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати граждании дар асоси ҳалномаи суд сабти асноди ҳолати гражданиро ба қайд мегирад.

Ҳалномаи судии доир ба муқаррар кардани ҳолате, ки бояд дар шӯъбаи бақайдгирии асноди ҳолати граждании ё дигар мақомотҳо ба қайд гирифта шавад, бо худ ҳуҷҷатеро, ки ин мақомотҳо

медиҳанд, иваз накарда, танҳо барои гирифтани онҳо асос шуда метавонад.

18. Судҳо бояд моддаи 231 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти худро оиди баровардани таъинотҳои хусусӣ ҳангоми баррасии ин парвандаҳо муайян гардидани вайрон шудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои гирифтани нафақа ва кӯмакпулӣ, ҳуқуқи моликияти шахсӣ, ҳуқуқҳои меросӣ, дигар ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда, ҷоннок намоянд.

19. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 1987 №1 "Дар бораи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 21 июни соли 1985 № 9 "Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои оид ба муқаррар намудани фактҳое, ки аҳамияти юридикӣ доранд" ва аз 25 июни соли 1976 № 8 "Дар бораи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки муқаррар намудани нодурурстии қайдҳои асноди ҳолати гражданиро ба танзим медароранд", дар қисми "Дар бораи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 21 июни соли 1985 № 9 "Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои оид ба муқаррар намудани фактҳое, ки аҳамияти юридикӣ доранд" беэътибор дониста шаванд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н. Азизов**